Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-012 назди Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ, 1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи "Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми назаррас мегузорад. Ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Яке аз роҳҳои ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ба мақсади расидан ба афзалиятҳои миллӣ тавассути рушди минтақаҳои кишвар, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии мамлакат ва дар ин раванд ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ ба ҶумҳурииТоҷикистон панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шудааст. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо мақсади таъмини шароити мусоид барои суръат бахшидани рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ, рушди бемайлони иқтисодиёт дар асоси технологияи инноватсионӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, муттаҳидсозӣ ва истифодаи маҷмӯии сармояи давлатӣ, тиҷоратӣ ва хориҷӣ, санҷиши усулҳои нави хоҷагидорӣ, ки ба омезиши шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд, дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани ихтироот ва коркарди илмию техникии ватаниву хориҷӣ бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар дигар корхонаҳои ҷумҳурӣ, густариши истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо, афзун намудани содироти маҳсулот ва ҳалли дигар

вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ такшкил шудаанд. Вале, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳанӯз дар ҳалли масъалаҳои зикршуда на он қадар назаррас буда, олимону муҳаққиқони ватаниро барои таҳқиқот ҷалб намудааст.

Дар робита ба ин, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода, ки асоси онро омӯзиш ва таҳқиқи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад, дар шароити муосир актуалӣ мебошад.

Далелҳои болозикр мубрам будани мавзӯи интихобнамудаи илмиро муайян намуда, аҳамияти илмӣ ва амалии онро исбот мекунад.

Эътибornокӣ ва навгониҳои илмии автореферати диссертатсия дар таҳияи муқарраротии назариявӣ, методӣ ва консептуалӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст. Аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки муаллиф зимни гузаронидани таҳқиқот аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, таҳлили SWOT, таҳлили экспертӣ, таҳлили оморӣ, муқоиса ва ғайра истифода бурдааст.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия тавсияҳои амалӣ доир ба нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди миллӣ, истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ, самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ, самтҳои афзалиятнок ва имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷӣ пешниҳод намудааст.

Ба андешаи муаллиф барои ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ, ҷалби сармояи хориҷӣ, гирифтани қарзҳои имтиёзноки дарозмуддати бонкӣ, ба даст овардани иттилооти маркетингӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ,

таъминот бо ашёи хом, рушди низоми логистикӣ, фурӯш ва ғайраҳо муҳим мебошад.

Сохтори автореферат ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, бо хулосаҳои илмии муаллиф ҷамъбаст гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Дар қисмати назариявии автореферат баъзе паҳлуҳои назариявию методии таҳқиқи соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба таври кофӣ тавзеҳ дода нашудааст.

2. Дар автореферат баъзе иштибоҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи хеле мубрам анҷом дода шуда, мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқарраротти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 –Иқтисодиёти соҳибкорӣ) арзанда мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи фаъолияти гумрукии**
**Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон** **Мирсаидов С.А.**

*Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Саидакмал Авроровичро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Шарипов У.А.

**Суроғаи донишгоҳ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14,
info@ddmit.tj. Тел: (992) 231-08-43, (992) 227-30-75